**Қарори № 1**

Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 022-и назди

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иштирок доштанд:
Аз 20 нафар аъзои Шӯрои
диссертатсионӣ 14 нафар,
аз рӯйи ихтисос 7 нафар

аз 19 марти соли 2020

**Рӯзнома:**

1.Дар бораи ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дар мавзӯи **«Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи "Гардиши девбод"-и Абдулҳамид Самад»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик (роҳбари илмӣ д.и.ф., академик Имомзода М. С.).

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ. дар бораи мавҷуд будани коркард ва номгӯйи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои иҷозат додани диссертатсия ба ҳимоя.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ Гулназарова Ж. Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод намудаи Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро дар сомонаи www.tnu.tj ҷойгир намудааст. Хулосаи комиссияи ташхис бо имзои аъзоёни комиссияи ташхис вуҷуд дорад.

намудааст. Хулосаи комиссияи ташхис бо имзои аъзоёни комиссияи ташхис вуҷуд дорад.

Бинобар ин, барои иҷозат додани диссертатсияи мазкур барои ҳимоя ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дар мавзӯи **«Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи "Гардиши девбод"-и Абдулҳамид Самад»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик (роҳбари илмӣ д.и.ф., академик Имомзода М. С.) ба ҳимоя иҷозат дода шавад;

2. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода пешниҳод шавад;

3. Ба ҳайси муқарризони расмӣ доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Салихов Шамсидин Аслидинович ва номзади илмҳои филологӣ, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон Ҳошимова Хуршеда Абдумононовна.

4.Таърихи рӯзи ҳимоя 02.07. 2020 муайян карда шавад;

5.Барои гузоштани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва сомонаи КОА назди Президенти ҶТ иҷозат дода шавад;

6.Барои чопи автореферат ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** тарафдор – 14 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж. Б.